ХУЛОСАИ НИҲОИИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм

Парвандаи аттестатсионии №___
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 12-уми январи соли 2023, №31

Барои сазовор донистани Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илми филология.

Диссертатсияи Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна дар мавзуи «Вижагиҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз руйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ рӯзи 6-уми октябри соли 2022 (қарори №22) аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D. КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) барои ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3-юми феврали соли 1979 дар шаҳри Душанбе, дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Солҳои 1995-2000 дар факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил намуда, аз соли 2004 ба ҳайси муаллим, сармуаллим, дотсенти Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» фаъолият дорад. Аз соли 2013 унвонҷӯи кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқи ҳамин муассисаи таълимӣ мебошад.

Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна аз 12-уми декабри соли 2018 дар кафедраи умумидонишгоҳии фарҳангшиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба ҳайси мудири кафедра фаъолият мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» иҷро шудааст.

Мушовири илмӣ: доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф.

Муқарризони расмӣ:

Султон Ҳасан Баротзода – доктори илми филология, узви вобастаи АМИТ, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ.

Гадоев Нурхон – доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Шафоатов Азал Нусратович – доктори илми филология, дотсент, мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов.

Муассисаи пешбар – Донишгоҳи славянии Руссия ва Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа, доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забоншиносии назариявӣ ва амалии Донишгоҳи славянии Руссия ва Тоҷикистон Искандарова Д.М., доктори илми филология, профессори кафедраи мазкур Давлатмирова М.Б.., доктори илми филология, дотсент Каримова Н.И., котиби илмии ҷаласа номзади илми филология, дотсент Рачабова Р.Р. ва бо имзову муҳри ректори муассиса, доктори илми иқтисодӣ, профессор Файзулло М.Қ. пешниҳод шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи доктории Ҷӯраева С.Б. таҳти унвони «Вижагиҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII» таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор аст.

Муассисаи пешбар ва муқарризони расмӣ бо назардошти муқаррароти бандҳои 31-33-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну мухтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия як монография ва 25 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки аз онҳо 15 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 мақола дар маҷмуаҳои илмии дигар ба нашр расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

1. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

[1-М]. Мавқеи ибораҳои феълӣ дар яке аз таърихномаҳои қарни XI //Номаи Донишгоҳ / С. Ҷӯраева. – Хуҷанд, 2019, №1(46). – С. 129-136.

[2-М]. Бори маънӣ кашидани як вожа дар тарҷумаи "Тафсири Табарӣ" //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / С. Ҷӯраева. – Душанбе, 2019, №7. – С. 25-28.

[3-М]. Усулҳои зуҳури мувозии воҳидҳои фразеологии феълӣ дар таърихномаҳои қарнҳои X-XIII //Ахбори ДДҲБСТ / С. Ҷӯраева. – Хуҷанд, 2020, №3(84). – С. 131-139.

[4-М]. Нақши вожаҳои соматикӣ дар зуҳури воҳидҳои фразеологии феълӣ дар тарҷумаи "Таърихи Яминӣ»-и Ҷурфодиқонӣ //Гузоришҳои АМИТ / С. Ҷӯраева. – Душанбе, 2020, №4 (012). – С. 243-246.

[5-М]. Як роҳи пайдоиши мувозии воҳидҳои фразеологии феълӣ дар таърихномаҳои садаҳои Х-XIII //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / С. Ҷӯраева. – Душанбе, 2020, №5. – С.14-18.

[6-М]. Языковые особенности переводных эквивалентов лексемы «дил» («сердце») в произведении «Таърихи Табари» //Хоразм Маъмун академияси ахборотномаси / С. Ҷӯраева. – Хоразм, 2020, № 9. – С. 171-174.

[7-М]. Нақши вожаҳои мансуб ба сифату зарф дар пайдоиши мувозиҳои воҳидҳои фразеологии феълӣ дар таърихномаҳои тоҷикии садаҳои Х-XIII //Паёми Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон / С. Ҷӯраева. – Душанбе, 2020, №6. – С. 70-73.

[8-М]. Роҳҳои сохта шудани воҳидҳои фразеологии феълӣ бо як вожаи меҳварӣ дар таърихномаҳои тоҷикии қарнҳои Х-XIII //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ / С. Ҷӯраева. – Душанбе, 2021, №3. – С. 99-103.

[9-М]. Хусусиятҳои корбурди воҳидҳои фразеологии арабӣ дар таърихномаҳои садаҳои Х-XIII //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ / С. Ҷӯраева. – Душанбе, 2021(91), № 2. – С. 153-158.

[10-М]. Воҳидҳои фразеологии феълии нодир дар таърихномаҳои садаҳои Х-XIII //Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ / С. Ҷӯраева. – Душанбе, 2021, № 2 (91). – С. 135-141.

[11-М]. Мафҳуми марг ва ифодаи он дар "Таърихи Табарӣ"-и Балъамӣ //Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ / С. Ҷӯраева. – Душанбе, 2021, № 4 (93) . – С. 129-131.

[12-М]. Забони осори Низомии Ганҷавӣ ва таърихномаҳои садаҳои Х-XIII //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ / С. Ҷӯраева. – Душанбе, 2014, № 4(137) . – С. 57-61.

[13-М]. Истифодаи воҳидҳои фразеологии феълӣ бо вожаҳои аслии тоҷикӣ дар таърихномаҳои қарнҳои Х-XIII //Гузоришҳои АМИТ ҶТ. Шуъбаи илмҳои ҷамъияттшиносӣ / С. Ҷӯраева. –Душанбе, 2021, № 4. – С. 43-46.

[14-М]. Использование некоторых имен существительных в "Переводе "Таърихи Табари" Абуали Балъами //Казанская наука / С. Джураева. – Казань, 2021, № 11. – С 165-167.

[15-М]. Истифодаи ибораҳои фразеологӣ бо вожаҳои аслан тоҷикӣ ва вожаҳои иқтибосии забонҳои эронӣ дар таърихномаҳои садаҳои Х-XIII //Ахбори ДДҲБСТ. – Хуҷанд, 2021, №4 (89) . – С. 101-106.

2. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои дигари илмӣ:

[17-М]. Чил муродифи як вожаи эрониасл дар "Таърихи Табарӣ"-и Балъамӣ //Гулистони маърифат / С. Ҷӯраева. – Хуҷанд, 2012. – С. 122-125.

18-М]. Эвфемизмҳои ҳаммаъноии як вожаи вулгарӣ дар тарҷумаи "Тафсири Табарӣ" //Забон – рукни тоат (маҷмуаи мақолаҳо, китоби шашум) / С. Ҷӯраева. – Душанбе, 2013. – С. 105-110.

[19-М]. Муродифоти як вожаи дуруштмаъно дар тарҷумаи "Тафсири Табарӣ" //Шукӯҳи маърифат / С. Ҷӯраева. – Хуҷанд, Ношир, 2013. – С. 271-275.

[20-М]. Ибораҳои рехтаи феълӣ ва корбурди онҳо дар "Зайн-ул-ахбор"-и Абусаиди Гардезӣ //Камоли Хуҷандӣ. Фаслномаи илмӣ-адабӣ / С. Ҷӯраева. – Хуҷанд, 2015, № 4 (4). – С. 41-55.

[21-М]. Вижагиҳои истифодаи ибораҳои рехтаи феълӣ дар "Зайн-ул-ахбор"-и Абусаиди Гардезӣ //Номаи ховаршиносон / С. Ҷӯраева. – Хуҷанд, 2015, №9. – С. 75-83.

[22-М]. Вожаи **мурдан** ва муродифҳои фразеологии он дар тарҷумаи "Тафсири Табарӣ" //Камоли Хуҷандӣ. Фаслномаи илмӣ-адабӣ / С. Ҷӯраева. – Хуҷанд, 2018, № 3 (15). – С. 75-79.

[23-М]. Обоснование многочисленности синонимов в "Тарджумаи "Таърихи Ямини" //Сборник статей по материали XVII Международной научно-практической конфренции / С. Ҷӯраева. – М., 2020. – С. 40-45.

[24-М]. Редкое образование фразеологических выражений в исторических произведениях X-XIII вв. //Сборник статей по материали Международной научно-практической конференции. Актуальные научные исследования о современном мире / С. Джураева. – Переяслав, 2022. – 2(82). – Часть 6. – С. 112-119.

[25-М]. Малоупотребительные фразеологические единицы в исторических манускриптах X-XIII вв. //"Филологиянинг долзарб масалалари" мавзусидаги халқаро илмий-амалий анжуман материаллари. I /С. Джураева. – Фарғона. 2022. – С. 66-75.

3. Монография

[16-М]. Вижагиҳои маъноиву сохтории ибораҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои асрҳои X-XIII . – Хуҷанд: Нури маърифат, 2022. – 326 с.

Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби мутахассисони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид гардидаанд:

1. Дар тақризи ба автореферати диссертатсия навиштаи доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарии Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологии "МИСиС" дар шаҳри Душанбе Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович чунин эродҳо зикр шудаанд:

- муаллиф ба масъалаи воҳидҳои нодир боби алоҳида бахшидааст, аммо чунин унсурҳои забон дар бобҳои дуюму сеюм низ гоҳо зикр шудаанд.
- автореферат бо забони хуби илмӣ навишта шудааст, вале боз дар он як қатор ғалатҳои имлоиву китобат дида мешаванд.

2. Тақризи ба автореферат навиштаи доктори илмҳои филология, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев Абодуллоева Сафина Юсуповна мусбат буда, дар он чунин эродҳо ҷой доранд:

- дар автореферат ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ ва китобат (с. 5, 7, 40) дучор мешаванд.

- дар саҳифаи шашуми автореферати диссертатсия таҳти рақами 44 ба ҷойи асари адабиётшинос А.Мирзоев, унвони монографияи Мирзоева М.М. омадааст, ки ислоҳи он ба беҳбудии кор аст.
- хуб мешуд, агар баъзе қисмҳои хулоса бо ҳамдигар муттаҳид карда шаванд.

3. Дар тақризи ба автореферати диссертатсия навиштаи доктори илми филология, профессори кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич чунин эродҳо қайд шудаанд:
- дар автореферат, пеш аз ҳама, баъзе ғалатҳои имлоӣ ва китобатӣ дида мешаванд.
- ба диссертант зарур аст, ки навишти баъзе калимаҳоро ба имлои нави тоҷикӣ мутобиқ намояд.

4. Тақризи ба автореферати диссертатсия навиштаи доктори илми филология, профессори Донишгоҳи давлатии педагогии Қӯқанд ба номи М. Муқимӣ Ҷамолиддинова Дилноза Мирҳоҷиддиновна мусбат буда, дар он чунин эродҳо пешниҳод шудаанд:
- рақами иқтибосҳои дохили диссертатсия бо феҳристи адабиёти истифодашуда бояд мувофиқ карда шавад.
- дар автореферати диссертатсия баъзан ғалатҳои техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ҳусни корро боло мебардорад (с. 5, 6, 11).

5. Дар тақризи ба автореферати диссертатсия навиштаи доктори илми филология, профессори кафедраи забоншиносии Донишгоҳи давлатии Фарғона Мамажонов Алижон чунин эродҳо қайд шудаанд:
- муаллиф ҳангоми овардани ҷумлаҳои таърихномаҳо ҳамчун маводи фактологӣ бештар вақт онҳоро дар шакли ихтисоргардида зикр намудааст, ки боиси равшан дарк нашудани маъноҳои воҳидҳои фразеологӣ шудааст.
- дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва китобатӣ дида мешаванд.

6. Тақризи ба автореферати диссертатсия навиштаи доктори илми филология, профессори Донишгоҳи давлатии Тошкент ба номи Алишер Навоӣ Собиров А.Ш. комилан мусбат аст.

Мукарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор донистанд.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси таҳқиқоти илмӣ чунин масъалаҳоро ҳаллу фасл намудааст:
- масъалаҳои назариявии марбут ба вижагиҳои истифодаи воҳидҳои фразеологӣ дар осори таърихии асрҳои X-XIII таҳқиқ гардидаанд.
- нақши вожаҳои суробсози соматикиву ғайрисоматикии таркиби воҳидҳои фразеологӣ дар бунёди чунин захираҳои луғавии забон нишон дода шудааст.

- умумияту тафовути воҳидҳои фразеологии осори таърихии садаҳои X-XIII аз даврони баъдии инкишофи забони адабии тоҷикӣ, ба хусус замони ҳозира муайян карда шудааст.
- сохтору маъноии воҳидҳои фразеологии дар таърихномаҳои қарнҳои X-XIII мавҷуда муайян шудааст.
- таносуби истифода гардидани воҳидҳои фразеологии номӣ ва феълӣ дар чунин осор арзёбӣ гардидааст.
- усулҳои зуҳури мувозии воҳидҳои фразеологӣ ва навъҳои онҳо аз рӯйи таҳаввулоти овозиву луғавӣ ва унсурҳои грамматикии таркиб муайян гардидаанд.
- дараҷаи корбурди хелҳои гунаҳои фразеологӣ дар осори таърихии даврони номбурда мавриди муқоиса карор гирифтаанд.
- нақши овозҳои алоҳида дар пайдогардии гунаҳои овоӣ, ивази вожаҳо дар зуҳури мувозиҳои луғавӣ ва ширкати унсурҳои сарфӣ дар ташаккули қаринаҳои морфологӣ нишон дода шудааст.
- вижагиҳои корбурди унсурҳои рехтаи муродифӣ дар таърихномаҳои асрҳои X-XIII ошкор гардидаанд.
- силсилаи воҳидҳои фразеологии муродифмаъно аниқ карда шудааст.
- воҳидҳои фразеологии нодир дар таърихномаҳои даврони мавриди таҳлил баррасӣ гардидааст.
- теъдоди воҳидҳои фразеологии дар фарҳангномаҳо шарҳёфта; танҳо дар осори муаллифони алоҳидаи садаҳои X- XIII мустаъмал; фақат дар таърихномаҳои ин даврон вуҷуддошта; дар осори ҳама даврон мустаъмал; воҳидҳои фразеологии дар фарҳангномаҳо зикрнашуда нишон дода шудааст.
- дараҷаи корбурди воҳидҳои фразеологии нодири осори таърихии асрҳои X- XIII муайян гардидааст.
- вижагиҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологии аз забони арабӣ тарҷумагардида баррасӣ шудаанд.

Асосҳои назариявии таҳқиқ. Зимни таълифи диссертатсия пажуҳишу таҳқиқоти забоншиносони ватанию хориҷӣ, ба монанди В. В. Виноградов, Н. М. Шанский, В. П. Жуков, А. А. Кунин, Ю. А. Рубинчик, Д. О. Доброволский, Е. И. Дибирова, Г. С. Голева, И. Г. Добродомов, М. Т. Тагиев, Ю. Е. Коркина, В. Н. Телия, И. М. Мелчук, О. И. Москалская, А. К. Арендс, Л. П. Смирнова, Н. Маъсумӣ, Д. Тоҷиев, М. Н. Қосимова, Р. Саидов, Ҳ. Маҷидов, Р. Ғаффоров, Б. Камолиддинов, Б. Сиёев, Д. Хоҷаев, Х. Ҳусейнов, С. Ҳалимов (Ҳалимиён), С. Сабзаев, Д. Саймиддинов, Т. С. Шокиров, М. Мирзоева, Н. Гадоев, М. Баҳор, П. Н. Хонларӣ, К. Сафавӣ, Х. Фаршедвард, С. Шамисо, З. Саҷҷодӣ, Э. Табарӣ, Ғ. Юсуфӣ ва дигарон истифода шудаанд.

Навгонии пажуҳиши мазкур дар он зоҳир мешавад, ки дар диссертатсия бори нахуст дар забоншиносии тоҷик масъалаи вижагиҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологии таърихномаҳои садаҳои X-XIII ба риштаи таҳлил кашида шуда, нақши муаллифону мутарҷимони осори таърихӣ дар инкишофи таркиби луғавии забон нишон дода шудааст. Ҳамзамон дар асоси маводи фаровони забонии чунин таърихномаҳо кӯшиш ба харҷ рафтааст, ки маъхази муҳимми унсурҳои рехтаву устувор

маҳсуб гардидани ин гуна осор ба субут расонида шуда, умумият ва тафовути забонии ҳар кадом таърихномаҳои мавриди омӯзиш дар мисоли истифодаи воҳидҳои фразеологӣ муайян карда шавад.

Дар ҷараёни баррасии масъалаи мазкур кӯшиш шудааст, ки дараҷаи робитаи забони осори таърихии садаҳои тазаккурёфта бо забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ошкор карда шуда, ба ин васила то кадом андоза ба таҳаввулот дучоргардии забон дар масири таърих муайян карда шавад.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки натиҷаҳои илмии пажуҳиш имкон дорад, ки дар забоншиносӣ баҳри кушода шудани гиреҳи муаммоҳои дар бахши фразеологияи таърихӣ ҷойдошта мусоидат намояд. Нуктаҳои дар диссертатсияи мазкур ироагардида метавонад барои анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотии марбут ба решашиносии воҳидҳои фразеологӣ, навиштани рисолаҳои илмии доктории дараҷаи PhD, магистрӣ, рисолаҳои хатми дараҷаи бакалавр, корҳои курсӣ мадад расонад. Инчунин маводи аз таърихномаҳои садаҳои X-XIII гирдомадаро метавон барои таълифи китобҳои дарсии академӣ ва донишгоҳии таърихи забони адабии тоҷикӣ, ба хусус фразеологияи таърихии даврони зикргардида, ба кор бурд.

Бардоштҳои аз диссертатсия бадастомада, пеш аз ҳама, барои таълифи фарҳангномаҳои фразеологияи таърихӣ мадад хоҳад расонид, инчунин дар таҳияи дастуру васоити таълимӣ истифода шуда, онро метавон зимни хондани лексияву дарсҳои амалӣ аз фразеологияи таърихӣ, таърихи забони адабии тоҷикӣ дар факултетҳои филологияи тоҷику забонҳои шарқ ва монанди ин ба кор гирифт.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Масъалаҳои дар диссертатсия матраҳшуда дар мувофиқа бо мушовири илмӣ тарҳрезӣ гардида, муаллиф дар заминаи маводи таърихномаҳои ба забони форсӣ-тоҷикӣ таълифшуда ва аз забони арабӣ тарҷумагардидаи қарнҳои X-XIII хусусиятҳои сохториву маъноии воҳидҳои фразеологиро ба риштаи таҳлил кашида, онҳоро бо муодилҳои имрӯзаашон муқоиса кардааст. Аз баррасии ин масъала муайян карда шудааст, ки дар ин гуна таърихномаҳо, асосан, таркибҳо фразеологӣ ва ибораҳои фразеологӣ ба кор рафта, дар бештари маврид кулли онҳо ба як маъной мушаххас ба кор рафтаанд.

Баррасии ин масъала нишон додааст, ки ҳиссаи калони ВФ дар як шакли мушаххас ба кор рафта, қисми камашон дар ду гуна ё беш аз он мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Аз таҳлил муайян гардидааст, ки як бахши муҳими воҳидҳои фразеологии таърихномаҳои ин давронро унсурҳои луғавии нодир дар бар мегиранд, ки хоси як ё чанд осори таърихӣ буда, шарҳашон дар ҳеҷ як фарҳангномаи бароямон дастрас мушоҳида нагардиданд.

Таҳқиқи мазкур натиҷаи ҷустуҷӯ ва заҳмати зиёда аз даҳсолаи муаллиф буда, дар шакли диссертатсияи мукаммал ба анҷом расидааст. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

Оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ чунин тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд:

Ба омӯзиши давра ба давраи воҳидҳои фразеологии ба забони форсӣ-тоҷикӣ таълифгардидаи ниёгон диққати бештар дода, ба ин васила дараҷаи ба асолат наздик ё дури онҳо баррасӣ карда шавад.

Тавсия мешавад, ки ҳангоми тадриси мансубияти забонии захираҳои луғавӣ дар радифи калимаҳои дар матнҳои озод истифодагардида вожаҳои таркиби воҳидҳои фразеологӣ низ бо мақсади равшан намудани усули ташаккули онҳо аз лиҳози мутааллиқияташон ба забонҳо мавриди таҳлил қарор дода шаванд.

Дар асоси маводи осори гуногунжанри ҳазорсола таҳия намудани «Фарҳанги воҳидҳои фразеологӣ»-и ҳар даврон, «Фарҳанги муродифоти фразеологӣ», «Фарҳанги воҳидҳои фразеологии нодир» амри зарурист.

Дар заминаи воҳидҳои фразеологии куҳанбунёд омӯхтани урфу одатҳои халқи тоҷик дар рӯзгордорӣ, муносибат ва низоми баргузории маросимҳо бамаврид аст.

Лозим аст, ки барои хубтар ба роҳ мондани таълими таърихи забони адабии тоҷикӣ хрестоматия ва маҷмуи машқҳое таҳия карда шаванд, ки дарбаргирандаи таркибу ибора ва ҷумлаҳои фразеологии осори манзуму мансур бошанд.

Дар ҷараёни тадриси таърихи забони адабии тоҷикӣ, дар қатори дигар масъалаҳо ба таълими воҳидҳои фразеологии осори мансуб ба жанрҳои мухталиф таваҷҷуҳи хосса равона карда шавад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-021 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 12-уми январи соли 2023 дар бораи ба Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна додани дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми июли соли 2022, таҳти № 210/шд ба ҳайати шуро ворид шудаанд, 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор - 14 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Хоҷаев Д.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Ҷӯраева М.

12-уми январи соли 2023